**КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Суроға: 734012, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2, тел.: (992-37) 233-08-50, факс: (992-37) 233-09-36
www.andoz.tj, info@andoz.tj РМА 010008783

№ 9153/4.2 аз «09» 06 соли 2020

Ба №_______ аз «____»__________ соли 20___

Мақомоти ҳудудии андоз

Нусха: Шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани бандҳои дахлдори Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 июни соли 2020, № 1544 мактуби дастурии мазкурро ба Шумо барои истифодаи хизматӣ ирсол менамояд.

Тибқи сархати 10, қисми 1 Фармони дар боло зикргардидаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирии таъсири пайомадҳои бемории сироятии COVID-19 ва ҳамзамон дастгирии давлатии бахши хусусӣ аз 1 май то 1 августи соли 2020 соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент дар бозорҳо, марказҳои савдо ва нуқтаҳои хизматрасонии маишӣ, аз ҷумла сартарошхонаҳо, кошонаҳои ҳусн, ателеҳои мӯд ва дӯзандагӣ фаъолият менамоянд, аз ҳисоб ва пардохти андозҳо озод карда шудаанд.

Новобаста аз анҷом ёфтани рӯзҳои санитарӣ вобаста ба бемории COVID-19 ва ба фаъолият оғоз намудани соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент дар бозорҳо, марказҳои савдо ва нуқтаҳои хизматрасонии маишӣ, аз ҷумла сартарошхонаҳо, кошонаҳои ҳусн, ателеҳои мӯд ва дӯзандагӣ фаъолият менамоянд, аз пардохти маблағи патент то 1 августи соли 2020 озод мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки муқаррароти зикргардида танҳо нисбати соҳибкорони инфиродии тибқи патент дар бозорҳо, марказҳои савдо ва нуқтаҳои хизматрасонии маишӣ, аз ҷумла сартарошхонаҳо, кошонаҳои ҳусн, ателеҳои мӯд ва дӯзандагӣ фаъолияткунанда татбиқ гардида, нисбати соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ татбиқ намегардад.

Ҳамзамон, қайд намудан ба маврид аст, ки соҳибкорони инфиродии бо патент фаъолияткунандае, ки ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ бо ариза оид ба муваққатан боздоштани фаъолият муроҷиат намуда буданд, барои давраҳои 1 май то 1 августи соли 2020 аз пардохти маблағи патент озод мебошанд.

Соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва хоҷагиҳои деҳқонӣ уҳдадор мебошанд, ки ҳисоботҳои андозии худро тибқи тартиби муқарраршуда ба нозироти андози маҳалли қайди худ аз рӯи даромадҳои воқеии бадастоварда ва ё барои давраи амалан анҷом надодани фаъолият бо асосҳои воқеъӣ эъломияи худро ба нозироти андози маҳалли фаъолияти ба таври сифрӣ пешниҳод намоянд. Ҳангоми пешниҳоди эъломияҳои сифрӣ соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ӯҳдадоранд, маблағи андози иҷтимоиро ба буҷет пардохт намоянд.

Дар баробари ин, (ба истиснои соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунандае, ки дар ҳудуди бозорҳо, марказҳои савдо ва нуқтаҳои хизматрасонии маишӣ ва соҳибкороне, ки фаъолияти онҳо ба сартарошхонаҳо, кошонаҳои ҳусн, ателеҳои мӯд ва дӯзандагӣ нигаронида шудааст), меъёри мазкур нисбати дигар соҳибкорони инфиродии бо патент берун аз ҳудуди бозорҳо, марказҳои савдо ва нуқтаҳои хизматрасонии маишӣ фаъолияткунанда, аз он ҷумла аз рӯи намудҳои фаъолияти хариду фурӯши молҳои хӯроквории, кишоварзӣ, масолеҳи сохтмонӣ, хизматрасониҳои нақлиётӣ, фаъолиятҳои сарояндагӣ, навозандагӣ, банаворгирии ҷашну маъракаҳо ва ғайраҳо, ки дар давраи беморӣи сироятии COVID-19 (фаъолияти онҳо боздошта нашудааст) татбиқ нагардида, ин гурӯҳи соҳибкорон уҳдадор мебошанд, ки мувофиқи меъёрҳои муқарраршуда андозҳои худро ба буҷетҳои дахлдор пардохт намоянд.

Ба инобат гирифта шавад, ки соҳибкорони тибқи патент дар бозорҳо, марказҳои савдо ва нуқтаҳои хизматрасонии маишӣ, аз ҷумла хизматрасонии сартарошхонаҳо, кошонаҳои ҳусн, ателеҳои мӯд ва дӯзандагӣ фаъолияткунанда, ки дар моҳҳои май ва июни соли 2020 маблағи патентро пардохт кардаанд, маблағҳои пардохтнамудаи онҳо барои давраҳои минбаъда ҳамчун пешпардохти маблағҳои патент барои давраҳои минбаъда ба инобат гирифта мешавад. Новобаста аз ин, соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда, ки аз ҳисоби андозҳо қарздор мебошанд ва ё уҳдадории андозии худро то давраи моҳи майи соли 2020 дар назди буҷет таъмин накардаанд, уҳдадоранд пардохти қарзҳои мавҷудбудаи худро ба буҷет таъмин намоянд.

Мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешавад, ки доир ба риоя ва дар амал татбиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июни соли 2020, № 1544 «Дар бораи пешгирии таъсири беморӣи сироятии COVID-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо андозсупорандагон корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, ҳамзамон ҷиҳати иҷрои талаботи мактуби дастурии мазкур чораҳои зарурӣ андешида, ба Кумитаи андоз маълумоти хаттӣ пешниҳод намоянд.

Мактуби дастурии Кумитаи андоз аз 4 майи соли 2020, № 7269/4.2 доир ба масъалаи мазкур аз эътибор соқит дониста шавад.

Раис Н. Давлатзода